Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-017-и назди Институти
иқтисодиёт ва демографияи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
(734024, ш.Душанбе, к. С.Айнӣ, 44)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

Дар замони муосир барои дар сатҳи баланд фаъолиятн намудан ва ба рақобат мутобиқ ва тобовар шудани ташкилот накш ва саҳми имиҷ хеле баланд мебошад. Барои он, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба рушди устувори дарозмуҳлати худ мушарраф гарданд, зарур аст, ки онҳо соҳиби комёбии диданашаванда гарданд. Ин бурдҳо ва комёбиҳои ламснашаванда яке аз афзалиятҳои устувори рақобатӣ мебошанд, ки имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, фарҳанги ташкилотӣ ва сохтори ташкилии идоракуниро дар бар мегиранд. Тасвири манфӣ ё нокифоя коркардшудаи имиҷ метавонад боиси аз даст додани муштариён, паст шудани рақобатпазирӣ ва бад шудани эътибори ташкилот гардад. Дар робита ба ин, вазифаи таъхирнопазири ташкилотҳои муосир ғамхорӣ дар бораи имиҷи онҳост. Эҷод ва нигоҳдории имиҷи ташкилот каме кӯшиш ва стратегияро талаб мекунад. Вобаста ба ин, бояд зикр намуд, ки зиёда аз 70%-и сарчашмаҳои захираҳои молиявии муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ аз ҳисоби пешниҳоди озоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ ташаккул меёбад. Ҳамин тавр, бозори хизматрасониҳои таҳсилотии тараккикунанда боиси рушди рақобат дар байни агентҳои асосии ин бозор – муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардид. Дар натиҷаи кори механизмҳои бозорӣ майлу хоҳиши муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ барои дарёфти мавқеи бозорӣ, баланд бардоштани сифати барномаҳо ва маҳсулоти таҳсилотӣ, таҳқиқи вазъи бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва меҳнат, махсусан ҳаҷми талабот ба маҳсулоти таҳсилотӣ ва рафтори рақибон фаъол гардиданд.

Дар айни замон муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо истифода аз воситаҳои муайяни «робита бо мардум» ташаккули самаранок ва идоракунии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ карда истодааст. Ин фаъолият ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои муқаррар ва дастгирӣ кардани робита, ҳамдигарфаҳмӣ, ҷойгиршавӣ ва ҳамкории байниҳамдигарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва гурӯҳҳои истеъмолкунандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ, стейкхолерон ва умуман ҷомеа мусоидат хоҳад кард. Дар ин ҷо, фаъолияти PR дар низоми муносибатҳои

маркетингӣ накши таҳқиқ кардан, баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро иҷро менамояд.

Дар автореферати диссертатсия қайд шудааст, ки дар адабиёти илмӣ ва амалӣ оид ба идоракунии имиҷи субъектҳо ва ташкилотҳои гуногун гарчанде таҳқиқоти ҳаматарафа вуҷуд дошта бошанд ҳам, аммо наметавон тасдиқ кард, ки дар фаҳмиши категорияи имиҷ ва дар ҷанбаи методологии арзёбии он ҳамфикрӣ дида мешавад. Вобаста ба ин, дар автореферати диссертатсия муаллиф тафсири категорияи имиҷро дар адабиёти иқтисодӣ ба тариқи ҷадвал пешниҳод намудааст, ки аз нигоҳи назариявӣ саҳми арзанда дорад (саҳ. 12).

Инчунин, муаллиф дар пояи ҷамбасти андешаҳои муҳақиқон мафҳуми имиҷи муассисаи соҳаи таҳсилоти олии касбиро ҳамчун ҳолати ташаккули тимсоли ҳиссиётан орододашудаи муассисаи соҳаи таҳсилоти олӣ дар шуури фарогири аъзоёни ҷомеа - истеъмолгарони хизматрасониҳои таҳсилотӣ, ки манзараву таносуби фаъолияти тарафҳои гуногуни муассисаҳо ва интиқоли онҳоро ба муҳити беруна инъикос менамояд, барасси намудааст (саҳ. 13).

Муаллиф дар боби дуюм оид ба ҳолати муосири рушди таҳсилоти олии касбӣ заминаҳои ташаккул ва рушди имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳлил қарор гирифта шуда, асоснок карда шудааст, ки имиҷи хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҷузъи асосии баланд бардоштани имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошанд. Дар ин қисмати кор, динамикаи шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишҷӯёни онҳо (саҳ. 15), ҳиссаи хароҷоти маориф ба ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ (саҳ. 16), ташаккули имиҷи умумии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (саҳ. 20), арзёбии вазни ҳар як омил дар ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (саҳ. 23) мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст, ки дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Дар автореферати диссертатсия марҳалаҳои асосии ташкили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифаast, ки ба ақидаи муаллиф, ташкили тимсол-имиҷи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз коркарди консепсияе оғоз меёбад, ки гурӯҳҳои бартаридоштаи мақсаднокро инъикос менамояд. Онҳо дар навбати аввал ба ҳуҷҷатҳои таъсискунанда ва оинномаи донишгоҳ ва баъдан ба таҳлили рафтори стейкхолдерҳо ва муҳити иҷтимоии он асоснок карда мешаванд. Вобаста ба ин, гурӯҳҳои мақсаднок бояд ба блокҳои зерин муттаҳид карда шаванд: а) истеъмолкунандагони асосие, ки ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хидматрасониҳои таҳсилотӣ пешниҳод менамоянд; б) шарикони иқтидорманди иҷтимоӣ, стейкхолдерон; в) сарпарастон ва шарикони рушд вобаста мебошанд (саҳ. 25).

Автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод бо забони хело хуби илмӣ ва оммафаҳм навишта шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон фаро гирифтааст.

Моҳият ва мазмуни кори диссертатсионӣ асосан дар мақолаҳои интишор намудаи муаллиф ва дар матни автореферат хеле хуб бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ баён ёфтаанд.

Диссертатсия дар баробари ҷиҳатҳои мусбат, таклифу пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф, ба ақидаи мо, дорои баъзе камбудиву масъалаҳои баҳсноки зерин мебошад:

1. Хуб мешуд, агар дар автореферати диссертатсия тамоюлҳои ҷаҳонии ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касби мушаххас арзёбӣ мегардид.

2. Сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф таҳлили муқоисавӣ оид ба бартариҳо ва камбудиҳои имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод карда мешуд.

Ба андешаи мо камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмуни афтореферат таъсири манфӣ намерасонад. Умуман, кори илмии таҳқиқшаванда мустақилона буда, анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва навгониҳои илмию амалиро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия дар мавзуи "Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)", аз рӯйи натиҷаҳои илмии худ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад ва муаллифи он – Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод арзандаи дараҷаи илмии номзадии илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Муовини ректор оид ба рушди
стратегӣ ва идоракунии сифати
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шаропов Ф.Р.

734055, ш. Душанбе,
хиёбони Борбад, 48/5.
Тел.: + 992 234-88-02
e-mail: sharopov.farkhod@gmail.com

*Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шаропов Ф.Р.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.